**Дастурамал**
**оиди пур кардани ҳисоботи шакли №11 – кишоварзӣ**
**«Ҳисобот дар бораи шинондани ниҳолҳои бисёрсола»**

Ҳисоботи омории шакли №11 кишоварзиро ҳамаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ сарфи назар аз шакли моликияташон пур карда ба мақомоти маҳаллии омори давлатии ноҳия (шаҳр) аз рӯи маҳалли ҷойгирифтаашон дар як сол 2- маротиба бо ҷамъи афзоянда санаи 1 – июн (фарогирии моҳҳои (январ, феврал, март, апрел ва май) ва ба ҳолати 1 – январ (ҷамъбасти соли сипаригардида ниҳолҳое, ки дар баҳор ва тирамоҳӣ соли сипаригардида шинонда шудаанд) пешниҳод менамоянд.

Ҳисобот дар асоси қарори қабулнамудаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия (шаҳр) оид ба бунёди боғу токзорҳо ва санади қабули ниҳолҳои бисёрсола ва шинонидани ниҳолҳо ва санади хароҷоти ниҳолшинонӣ таҳия мешавад. Ниҳолҳое, ки дар баҳор ва тирамоҳ шинонда мешаванд дар ҳисобот ҳамагӣ бо ҷамъи афзоянда нишон дода мешавад.

Масофаи байни қатори боғҳо гуногун буда, вобаста ба хоси минтақаҳо ва схемаҳои қабулшуда шинонида мешаванд.

Барои мисол дар сурате, ки агар масофаи байни ниҳолҳо 4 бар 3- ро ташкил диҳад пас **4*3=12** аз ин маълум мешавад, ки дар масоҳати 12 метри квадрати 1 ниҳол шинонда шудааст, барои дар 1 гектар ҳисоб намудани шумораи ниҳолҳо масоҳати умумии 1 гектар, ки **10 ҳазор квадратро** ташкил медиҳад ба адаи 12 тақсим намуда, шумораи ниҳолҳои шинонидашударо муайян менамоем.

**10000 / 12=833** – маълум гардид, ки дар сурати масофаи байни қаторҳо 4 бар 3 будан дар **1 гектар майдони боғу токзорҳо 833 ниҳол** шинонида шудааст.

Дар мавриди масофаи байни қаторҳои 4 бар 2 будан; яъне **4*2=8** шумораи ниҳолҳои шинонидашуда 1250 ададро ташкил медиҳад.

**10000 / 8=1250**

Бо ҳамин усул аз руи масофаи байни ниҳоли дар қаторҳо шинонидашуда шумораи умумии ниҳолҳои дар як гектар шинонидашуда муайян карда мешавад.

Агар дар хоҷагӣ дар як қитъа дарахтҳои гуногун бошад, (мисол, тухмдор ва донакдор) пас бо роҳи гузаронидани шумораи ин намуд дарахтон ба истифодабарии нормаи дарахтшинони дар 1 га муайян карда мешавад.

Масалан: Дар хоҷагӣ боғи омехта тухмдору донакдор дар замини 2 га мавҷуд аст. Дар асл дар боғ 1500 дарахти тухмдор ва 1000 дарахти

донакдор. Барои ҳамин хоҷагӣ аз рӯи схемаи ниҳолшинони дар як га тухмдор 1250 ва донакдор 1250 ниҳол қабул карда шудааст.

Тақсим намудани 2 га замин ин тавр гузаронида мешавад: замини боғ аз рӯи нормаи миёнаи ниҳолшинони дар як га муайян карда мешавад.

**2500 / 1250 = 2,0 га**

**1500 / 1250 = 1,20 га ва 1000 / 1250 =0,80 га**

Аз руи натиҷаи бадастомада маълум гардид, ки 1500 дарахти меваи тухмдор 1 гектару 20 сотих ва 1000 дарахти меваи донакдор 80 сотихро ташкил медиҳад.

Замини боғу токзорҳо бо гектари бутуни навишта мешавад.

Дар сатри № 1 «Ҳамагӣ ниҳолҳои бисёрсола» замини дарахтони шинондашудаи боғҳо, токзорҳо ва тутзорҳо нишон дода мешавад.

Дар сатри № 2 «бунёди боғҳои нав» ҷамъи замини шинондашудаи меваҳои тухмдор (себ, нок, себи биҳӣ), донакдор (олу, олучабандак, гелос, зардолу, шафтолу ва ғайра), чормағзмевагиҳо (чормағз, бодом, писта), субтропикӣ (анор, хурмо, анҷир), ситрусӣ (лиму, апелсин) ва аз руи намуди мевагиҳо сатрҳои дигар мевагиҳо илова гардидааст, ки барои ҷамъи дурустии мевагиҳо боқимондаи мевагиҳо нишон дода мешавад.

Дар сатри № 2а аз миқдори умумии бунёди боғҳои нав аз ҷумла боғҳои интенсивӣ ҷудо нишон дода мешавад.

Аз замини умумии боғҳо, аз он ҷумла сатрҳои 3- «меваҳои тухмдор», 4-«меваҳои донакдор», 5-«чормағмева», 6-«меваҳои субтропикӣ», 7-«меваҳои ситрусӣ» ҷудо нишон дода мешаванд.

Дар сатри №8 «токзорҳо» замини токзорҳои шинондашуда навобаста аз навъи онҳо нишон дода мешавад.

Дар сатри №8а аз ҷумла токзорҳои бо тарзи интенсивӣ шинондашуда нишон дода мешавад.

Дар сатри 9 «барқароркунии боғҳо» замини боғҳои барқарор карда шуда нишон дода мешавад.

Дар сатри 10 «барқароркунии токзорҳо» нишон дода мешавад.

Дар сатри 11 «тутзорҳо» майдони тутзорҳои шинондашуда ба ҳисоби гектар нишон дода мешавад.

Дар сатри №11а аз ҷумла тутзорҳои бо тарзи интенсивӣ шинондашуда нишон дода мешавад.

Дар сатри 12 «ниҳолҳои тут шинонда шуд - дона» миқдори ниҳолҳои шинондашудаи тут бо шумораи дона нишон дода мешавад.

Дар сутуни 3 нишондиҳандаи ҳамагӣ бо ифодаи гектар ва шумораи ниҳолҳои шинонидашуда адад нишон дода мешавад ва дар сутуни 4 бошад, аз он ҷумла дар заминҳои лалмӣ шинондани ниҳолҳо бо ифодаи гектар ва шумораи ниҳолҳои шинондашуда бо адад нишон дода мешавад.

Ҳисобот бо имзои роҳбари хоҷагӣ ва сармуҳосиб дар мӯҳлатҳои пешниҳодшуда ба мақомоти омори ноҳи (шаҳр) пешниҳод карда мешавад. Шахси имзокунандаи ҳисобот барои дурустӣ ва эътимоднокии нишондиҳандаҳои ҳисобот ва дар сари вақт пешниҳод намудани он ҷавобгар аст.